# БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## Шарҳи моҳонаи таваррум • Июни 2017

**Дар моҳи июни соли 2017 сатҳи таварруми солона дар муқоиса ба моҳи май (8,7%) андаке боло рафта, 9,0 фоизро ташкил дод. Ҳамзамон, бо арзёбии моҳона раванди коҳишёбии сатҳи таваррум нисбат ба моҳҳои қаблӣ мушоҳида гардида, тағйирёбии сатҳи намояи нархҳои истеъмолӣ дар моҳи июн ба 0,6 фоиз баробар гардид.**

Бояд қайд намуд, ки аз сатҳи дурнамои муқарраршуда (7%) баромадани таваррум, пеш аз ҳама бо таъсири назарраси омили таклифот аз тарафи маҳсулоти алоҳидаи хӯрокворӣ дар шароити муътадил будани талабот, вобастагӣ дорад. Дар баробари ин, омилҳои монетарӣ ва қурбӣ дар натиҷаи тағйиротҳо дар бозори асъори хориҷӣ ва сармоякунонии бонкҳои муаммодор низ то андозае фишорҳои таваррумиро зиёд намуд.

**Бо вуҷуди ин раванди мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки афзоиши таварруми солона бештар хусусияти ғайримонетарӣ дошт. Дар давоми моҳҳои охир дар ҷумҳурӣ тамоюли тағйирёбии якбораи сатҳи таварруми солона асосан аз ҳисоби афзоиши нархи маҳсулоти сабзавот (79,5% с/с)[1] ба миён омад, ки он бо таъсири омилҳои кӯтоҳмуддат ва гузаранда арзёбӣ мегардад.** Вобаста ба ин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дурнамои сатҳи таваррум дар давраи кӯтоҳмуддат, яъне то охири соли ҷорӣ нисбатан афзуда, дар давраи миёнамуҳлат ба сатҳи барои иқтисодиёт муътадили худ бармегардад.

Аз ин лиҳоз, Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади дар давраи миёнамуҳлат дар доираи ҳадаф нигоҳ доштани сатҳи таваррум сиёсати пайгиронаи монетариро идома дода истодааст.

**Дар моҳи июни соли ҷорӣ сатҳи таварруми аслӣ*, нисбат ба моҳи қаблӣ бетағйир боқӣ монда, бо арзёбии солона ба 1,4% (0,3% м/м)[2] баробар шуд.** Ба ин раванд бо назардошти нисбатан муътадил будани сатҳи нархҳои маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ (либос ва пойафзол, моводи шустушӯй ва доруворӣ) ва хизматрасониҳои дар таварруми аслӣ ба ҳисоб гирифташаванда (аз ҷумла хизматрасониҳои маишӣ) бештар саҳмгузорӣ намуданд.

**Дар пуёи тағйирёбии ғайриаслии таваррум (гурӯҳи нархҳои истеъмолие, ки дар ҳисоби таварруми аслӣ истисно мегарданд) мушоҳида кардан мумкин аст, ки болоравии нархи маҳсулоти хоми хӯрокворӣ бо вуҷуди фарорасии мавсими тобистон, таъсири назаррасро ба сатҳи таваррум дорад.** Дар сохтори таварруми ғайриаслӣ нархҳои маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, асосан аз ҳисоби болоравии нархи гӯшти гов (1,2% м/м ё 15,1% с/с), картошка (-2,7% м/м ё 2,4 маротиб с/с), пиёз (33,1% м/м ё 2,8 маротиб с/с), сабзӣ (14,3% м/м ё 53,8% с/с) ва карам (18,7% м/м ё 79,5% с/с) ба

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор)




**Тағйирёбии нархҳои истеъмолӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор)




**Таварруми аслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



амал омад. Дар баробари ин, нархҳои биринҷ, меваҷӣ ва маҳсулоти ярмагӣ дар моҳи июн раванди коҳишёбӣ доштанд.

**Нархи маводи сӯзишворӣ** дар моҳи июн андаке боло рафт (0,7% м/м ё 18,4% с/с), ки ин вобаста ба болоравии мавсимии нархи бензин (0,7% м/м ё 25,9% с/с) ва гази моеъ (1,0% м/м ё 14,3% с/с) алоқаманд мебошад.

**Нархи хизматрасониҳои маъмурӣ** дар моҳи июн дар маҷмуъ муътадил буда, дар сохтори он арзиши хизматрасониҳои нақлиётӣ аз ҳисоби омилҳои кӯтоҳмуддат бинобар сабаби арзоншавии чиптаҳои ҳавопаймо ба самти Душанбе-Хуҷанд (-39,4% м/м ё -24,5% с/с) бо нишондиҳандаи манфӣ (-1,4% м/м) ҷамъбаст гардид.

**Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ татбиқи сиёсати нисбатан қатъии пулию қарзиро ҷиҳати ноил гардидан ба сатҳи муътадили нархҳо дар давраи миёнамуҳлат идома хоҳад дод.**

**Таварруми ғайриаслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Намояи нархҳои хӯрокворӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] - с/с – сол нисбат ба сол (тағйирёбии солона)
[2] - м/м – моҳ нисбат ба моҳ (тағйирёбии моҳона)

*- Таварруми аслӣ, ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат инъикос менамояд бо мақсади баҳодиҳӣ ва таҳлили ҷараёни доимии тағйирёбии сатҳи нархҳо дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Агентии омор) аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоб карда мешавад. Ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии таварруми умумӣ (намояи нархҳои истеъмолӣ) таварруми аслӣ раванди устувор ва дарозмуддати тағйирёбии нархҳоро, ки зери таъсири омилҳои талаботи дохилӣ ва монетарӣ ба вуҷуд омадааст, инъикос менамояд. Усули асосии ҳисоби таварруми аслӣ - усули истисноӣ буда, он бо роҳи хориҷ кардани номгӯи алоҳидаи маҳсулот ва хизматрасониҳои тамоюли тағйирёбии зиёд дошта, ки бо тағйирёбии аслии сатҳи нархҳо алоқаманд нест, ҳисоб карда мешавад. Аз сабади намояи нархҳои истеъмолӣ номгӯи маҳсулоти бо лаппишҳои кӯтоҳмуддат ва гузарандаи аз таъсири омилҳои ғайримонетарӣ вобастабуда, аз ҷумла омилҳои таклифот (нархҳои ҷаҳонӣ, шароити табиӣ), мавсимӣ ва маъмурӣ хориҷ карда мешаванд. Яъне, дар ҳисоби таварруми аслӣ маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, маводи сӯзишворӣ ва хизматрасониҳои маъмуран танзимшаванда ба инобат гирифта намешаванд.

## Намояи нархҳои истеъмолӣ

| | Вазн,% | тағйирёбии солона,% | | | | | | | | Июн, тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | | | | | | |
| | | | | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | |
| **Таваррум** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **5,3** | **5,9** | **7,3** | **8,1** | **8,7** | **9,0** | **0,6** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **55,4** | **3,8** | **6,4** | **4,8** | **6,0** | **8,8** | **10,2** | **11,8** | **12,3** | **1,1** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 19,2 | 9,1 | -2,5 | -5,2 | -4,1 | -2,5 | -1,0 | -1,4 | -1,4 | 0,0 |
| Биринҷ | 3,3 | 11,6 | -9,2 | -8,6 | -9,5 | -13,3 | -13,5 | -13,7 | -13,9 | 0,6 |
| Орд | 11,9 | 7,8 | -3,0 | -7,2 | -5,0 | -1,0 | 1,8 | 1,3 | 1,5 | -0,1 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 9,0 | -10,2 | 3,7 | 3,9 | 2,4 | 1,8 | 7,2 | 11,5 | 12,4 | 0,0 |
| Гӯшти гов | 5,9 | -14,3 | 3,2 | 3,5 | 1,2 | 1,3 | 8,3 | 14,2 | 15,1 | 1,2 |
| Тухм | 1,5 | 5,5 | 12,0 | 15,4 | 16,7 | 7,8 | 12,8 | 7,4 | 8,9 | 1,0 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 2,8 | 3,7 | 5,1 | 3,7 | 2,8 | 4,0 | 1,4 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | -1,7 | 3,4 | 5,0 | 0,7 | 0,1 | 4,7 | 4,3 |
| Равғани растанӣ ва ҳайвонот | 5,3 | 12,7 | 11,3 | 6,1 | 5,8 | 6,0 | 6,2 | 5,8 | 5,0 | 0,1 |
| Меваҷот | 4,4 | 12,3 | 16,7 | 16,6 | 12,2 | 4,6 | 0,2 | -1,8 | -6,0 | -7,9 |
| Сабзавот | 7,1 | -12,4 | 16,5 | 18,6 | 30,1 | 58,2 | 57,2 | 73,8 | 79,5 | 7,2 |
| Шакар | 2,1 | 19,3 | 15,0 | 1,0 | 3,4 | 5,2 | 13,6 | 7,3 | 3,9 | 1,4 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,1 | 13,7 | 19,9 | 14,2 | 13,8 | 10,4 | 9,5 | 5,1 | 5,9 | 1,1 |
| **Хӯроки умумӣ*** | **0,9** | **14,9** | **19,9** | **19,9** | **17,9** | **17,9** | **17,9** | **17,9** | **17,9** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1,5** | **15,9** | **11,8** | **12,2** | **10,0** | **9,1** | **8,6** | **6,2** | **8,1** | **2,6** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **27,4** | **7,9** | **5,7** | **5,2** | **5,0** | **4,4** | **4,6** | **4,0** | **3,9** | **0,2** |
| Либос ва пойафзол | 9,3 | 9,2 | 14,5 | 14,8 | 14,0 | 12,8 | 11,8 | 9,8 | 9,4 | 0,1 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 3,4 | 2,2 | -0,9 | 0,0 | 0,1 | 0,0 | 0,5 | 0,3 | 0,9 | 0,6 |
| Маводи шустушуй | 1,7 | 15,5 | 1,2 | 1,6 | 1,6 | 1,1 | 1,1 | 2,6 | 2,6 | 0,0 |
| Доруворӣ | 2,7 | 24,7 | 14,1 | 12,9 | 7,4 | 3,9 | 3,8 | 4,4 | 4,1 | 0,0 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,1 | -7,0 | 2,9 | -1,1 | 6,8 | 14,7 | 21,5 | 19,1 | 18,4 | 0,7 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,4 | 19,0 | 3,0 | 3,5 | 4,4 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 0,7 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,3 | 7,6 | 7,1 | 6,8 | 5,3 | 5,1 | 5,0 | 5,2 | 5,2 | 0,0 |
| **Хизматрасониҳо** | **14,8** | **2,2** | **4,5** | **5,0** | **5,8** | **6,2** | **6,3** | **5,6** | **6,0** | **-0,4** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,1 | 3,2 | 9,8 | 6,7 | 9,6 | 12,4 | 13,3 | 12,3 | 11,9 | 0,2 |
| Иҷорапулии манзил | 0,1 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Обтаъминкунӣ ва партовбарорӣ | 0,6 | 20,1 | 5,1 | 6,6 | 9,8 | 7,3 | 7,3 | 7,3 | 7,3 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 2,8 | 0,0 | 28,6 | 16,3 | 16,3 | 16,3 | 16,5 | 16,5 | 16,5 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,0 | -6,3 | -6,6 | -9,4 | 0,9 | 13,5 | 17,5 | 12,3 | 10,8 | 0,9 |
| Нақлиёт | 4,1 | -2,3 | -1,4 | 1,7 | 1,4 | 0,2 | -0,3 | -0,5 | 1,1 | -1,4 |
| Алоқа | 1,8 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 0,0 |
| Маориф | 1,5 | 2,6 | 11,3 | 15,0 | 15,5 | 15,5 | 15,5 | 15,5 | 15,5 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 0,8 | 14,0 | 1,9 | 3,6 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,7 | 12,3 | 5,2 | 5,8 | 5,8 | 6,0 | 6,0 | 3,3 | 2,2 | 0,0 |

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо*